Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
(735700, ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисолаи фанҳои математика ва физика)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ**

Рушди босуръати ҷомеаи муосир, ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулот дар ҷомеа ва ҷаҳон, тағйирот дар шуури ҷамъиятӣ аз соҳаи маориф низ канор намонда, дар назди хонандагон, таълимгирандагон ва донишҷӯёни муосир талаботҳои нав ва торафт мураккабтарро мегузорад. Хатмкардаи мактаб, муассисаи миёнаи касбӣ ва олӣ дар шароити муосир дигар талаботи ҷомеаро қонеъ карда наметавонад. Аҷибаш ин аст, ки дар шароити босуръат тағйирёбандаи шароити иқтисоди ҷаҳонӣ ниёз ба хатмкунандагоне, ки дорои малакаҳои гуногун, тафаккури эҷодӣ ва биниши ғайримуқаррарӣ ба вазъияту падидаҳо мебошанд, зиёд шудааст ва дар натиҷа дар назди ҳайати омӯзгорон барои баланд бардоштани донишу малака ва маҳорати касбии онҳо мақсаду вазифаҳои ҷадид гузошта мешавад, зеро омӯзгор бояд ба талаботи ҷомеаи муосир аз ҷиҳати сатҳ ҷавобгӯ бошад ва шахси серталаб, «саводнок», хатмкунандае, ки натиҷаи баланди таълим нишон медиҳад, тарбия намояд.

Дар автореферати диссертатсия омадааст, ки ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои муҳими ҳалли масоили муайян намудани мафҳум, мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти касбӣ ба шумор меравад.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки бо назардошти раванди таълими математика тавассути ҳамгироӣ ва муттаҳидкунии фанҳо дар муассисаҳои таълимии олии самти омӯзгорӣ мебошад.

Шиносоӣ бо автореферат нишон медиҳад, ки муҳаққиқ Шарипова Фотима Абдуфаттоевна кӯшиш намудааст, проблемаи раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо мебошад таҳқиқу баррасӣ намудааст.

Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, шарҳи мухтасари дараҷаи пажӯҳиши мавзӯъ оварда шудааст. Ҳамчунин объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидааст. Мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор таҳия

гардида, асоси методологии таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии таҳкиқот, марҳалаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ, арзиши амалии кор, саҳеҳияти ғояҳои илмӣ, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мухтасар баён гардидаанд.

Салоҳияти касбии омӯзгори оядаи математика – ин маҳорати бомуваффақият амал намудан дар заминаи таҷрибаи амалӣ, малака ва дониш дар ҳалли масоилу мушкилоти касбӣ мебошад. Ба вуҷуд омадани равиши салоҳиятнок - як қонунияти муқаррарии рушди низоми маориф аст, ки аз ҷустуҷӯи роҳҳои ба ҳам омадани он ба ниёзҳои бомаром инкишофёбандаи ҷомеа мебошад. Равиши зикршуда ба консепсияи салоҳиятҳо асос ёфтааст, ки дар фазои таҳсилоти муосир ба он ҳамчун асоси дар донишомӯзон дар баробари дониш ташаккул ёфтани қобилияти ҳалли муҳимтарин масоили амалӣ ва тарбияи шахсият дар маҷмӯъ таваҷҷӯҳ ва аҳамияти зиёд дода мешавад.

Дар осори педагогие, ки ба омодакунии касбии омӯзгор дар асоси равиши салоҳиятнок асос ёфтааст, салоҳиятнокии касбӣ муҳимтарин хусусияти омодагии назариявию амалии омӯзгор нисбати пешбурди фаъолияти педагогӣ эътироф шуда, маҷмӯи салоҳиятҳои муайянро муаррифӣ менамояд.

Мушкилоти ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгори оядаи математика ҳамчун унсури инсонпарварона кардани таълими омӯзгорӣ дар замони муосир, бешакку шубҳа, мубраму ҳалталаб буда, аз талаботи воқеии ҷомеа нисбати омодакунии омӯзгорони ба рақобат тобовари соҳаи маориф, ки фаъолияти касбии худро дар шароити рушди технологияҳои олӣ босамар амалӣ мекунанд, вобаста аст.

Аз таҳлили маводҳои нашршуда, ки дар 29 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ банашррасида, аз ҷумла 1 дастури таълимӣ, 20-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар нашрияҳои шомили пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ ташкил додааст чунин бармеояд, ки Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар ҳамаи марҳилаҳои кори таҳқиқотӣ ба баробари иҷрои кори диссертатсионӣ дар конфронсу дигар чорабиниҳои илмӣ-методӣ ширкат варзида, дар пешрафти назария ва амалияи таҳсилоти кредитӣ ҳиссагузорӣ намудааст.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯъи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисолаи фанҳои математика ва физика)» кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори
кафедраи технологияи иттилоотӣ ва амнияти
иттилоотии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Ф. Файзализода

Суроға: 734003, ҶТ, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
АИДНПҶТ, Тел: (+992) 988-22-00-33; 005-22-00-22.
E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

**Тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ш.Б. Ҳамидов